«Тасдиқ мекунам»
Муовини вазири энергетика
ва захираҳои оби
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Холмуҳамадзода С
____.01.2023

# ПРОТОКОЛИ

Мизи муддавари Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқи назди Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯъҳои «Оби тоза ва беҳдошт» ва «Нерӯи тоза ва дастрас» бо назардошти таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ барои инъикос дар Шарҳи дуюми ихтиёри миллӣ

аз 17 январи соли 2023 ш. Душанбе

**Руйхати штироккунандагон;**

1. Мирҷонов Қ. - сардори Раёсати электроэнергетикаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии тоҷикистон;
2. Мадҷон М. М. - ҳамоҳангсоз оид ба таҳияи Шарҳи ихтиёрии миллӣ;
3. Аминова Н. - директори иҷроияи Ассосиатсияи соҳибкории хурду миёнаи Тоҷикистон;
4. Раҳмонов Ш. - мутахассиси пешбари раёсати электроэнергетика;
5. Мирзоев И. - сардори шуъбаи иттилооти тахлилии ШСХК «Барқи Тоҷик»;
6. Азимов К. М. - сардори Шуъбаи эътимодият ва амнияти фаннии ШСХК «Барқи Тоҷик»;
7. Ҳоҷиев А. Б. - сардори шуъбаи таҳлили ва маълумот ҶСК “Шабакаҳои таксимоти барқ;
8. Султонов Ф. А. - муҳандиси пешбари ҶСК “Шабакаҳои тақсимоти барқ”;
9. Саидзода С. М. - намояндаи Кумитаи ҳифзи муҳити зист;
10. Ғафуров Ф. - сардори шуъбаи П/О ва ЗБ Агентии беҳдошти замин;
11. Сафаров Д, - мутахассиси пешбари раёсати саноати сабук ва пиллаи Вазорати саноат ва технологияҳои нав;
12. Алиев Ю. - мутахассиси шуъбаи саноат, энерегетика ва захираҳои оби сарраёсати буҷети дар соҳаҳои воқеии иқтисодии Вазорати молия;
13. Муминова Ф.М.- коршиноси милли оид ба масъалаҳои иҷтимои Институти иқтисод ва демография;
14. Обидов К. - коршиноси милли оид ба рушди кишоварзӣ;
15. Азизова Т. - намояндаи Ассосиасияи ҳуқуқшиносони

Тоҷикистон;

16. Сангинова М. - сармутахассиси Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурииии Тоҷикистон;
17. Вализода Б. - сардори шуъбаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодези;
18. Раҳмонов А. А. - сардори раёсати энергетикаи Вазорати рушди иктисод ва савдо;
19. Ҳабибов Д. А. - намояндаи Равзанаи ягона барои муосидат ба сармоягузорони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ;
20. Мақсудова М. - муовини сардори раёсати омори саноати ва сохтмони Агентии омор;
21. Закирова Н. - коршиноси соҳави оид ба масъалахои рушди саноат;
22. Махкамов Б. - директор оид ба ҳуқуқи инсон;
23. Акрамов А. - муовини раиси "Хоҷагиҳои деҳқонӣ";
24. Фатҳидинова З. - директори иҷроия Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд;
25. Бахтиниссои Н. - мутахассиси пешбари раёсати минтақаҳои озоди иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдо;
26. Шафоева Ш. - ёрдамчии Сардори Котиботи Шӯрои миллии рушд ва дигарон.

## Рӯзномаи мизи мудаввар:

1. Муаррифии консепсия ва мундариҷаи Шарҳи дуюми ихтиёри миллӣ
2. Муаррифии дастовардҳои кишвар дар самти татбиқи Ҳадафи рушди устувор шашум «Оби тоза ва беҳдошт» ва ҳафтум «Нерӯи тоза ва дастрас» барои инъикос дар Шарҳи дуюми ихтиёри миллӣ
3. Баррасии дастовардҳои кишвар дар самти татбиқи Ҳадафи рушди устувор

Мизи мудавварро аз номи роҳбари Гурӯҳи кории байннидоравӣ Мирҷонов Қурбоналӣ, сардори раёсати электроэнергетикаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода, кайд кард, ки мақсад аз чорабини дар доираи фаъолияти Гурӯҳи кории Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ барраси намудани мавзӯъҳои «Оби тоза ва беҳдошт» ва «Нерӯи тоза ва дастрас» бо назардошти таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ мебошад.

Тоҷикистон дар самти татбиқи ҳадафи дастраси ба оби тоза ва беҳдошт Ҳадафи рушди устувори шашум ва нерӯи тоза ва дастрас Ҳадафи рушди устувор ҳафтум пешсаф мебошад, зеро ҳаҷми 98 фоизи нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия истеҳсол шуда, дар оянда Тоҷикистон

метавонад бо таҷдиди иқтидорҳои мавҷуда ва бунёди иқтидорҳои нави энергияи "сабз" ба яке аз истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони асосии манбаи барқароршавандаи энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар минтақа табдил меёбад.

Тибқи барнома дар рафти мизи мудаввар ҳамоҳангсоз оид ба таҳияи Шарҳи дуюми ихтиёри миллӣ Мадҷон М.М. суханрони намуда, консепсия ва мундариҷаи шарҳро ба ҳозирин муаррифӣ намуд. Аз ҷумла кайд карда шуд, ки шарҳи ихтиёри миллӣ - равандест, ки кишварҳо тавассути он вазъи рушди миллӣ ва пешравиро ҳамчун ҷузъи раванди пайгирӣ ва механизми бознигарӣ дар самти татбиқи Рӯзномаи 2030 арзёбӣ ва пешниҳод менамоянд.

Дар раванди таҳияи Шарҳ алоқамандии масъалаҳои оби тоза, энергетика ва саноатикунонӣ дар доираи мавзӯи васеи рушди "сабз" барои оянда устувор ва дурахшон мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар ин радиф бо мақсади рушди "иқтисоди сабз", мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, кам кардани газҳои гулхонаӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҷалби сармоя ва технологияҳои каммасраф Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 аз 30 сентябри соли 2022, №482 қабул гардид.

Инчунин дар рафти чорабинӣ коршиносони соҳавӣ Обидов Камол ва Муминова Фарида рӯнамоҳои худро дар мавзуъҳои «Оби тоза ва беҳдошт» ва «Нерӯи тоза ва дастрас» бо назардошти таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ барои инъикос дар Шарҳи дуюми ихтиёри миллӣ ба ҳозирин пешниҳод намуда, байни аъзои гуруҳи корӣ муҳокимаи пурмуҳтаво сурат гирифт.

Дар муҳокимарониҳо оид ба инъикоси мавзуъҳои мазкур дар Шарҳи ихтиёрии миллӣ вобаста ба мубодилаи маълумот Директори иҷроияи Ассосиатсияи соҳибкории хурду миёнаи Тоҷикистон - Насибахон Аминова оид ба муаррифии тачрибаи муваффақи бахши хусусӣ дар самти ноилшави ба Ҳадафи рушди устувори 7 нерӯи тоза ва дастрас, баргузор намудани мизи мудаввари алоҳида бо намояндагони бахши хусусӣ барои баррасии масъалахои фаъол намудани саҳми бахши хусусӣ дар ба даст овардани Ҳадафи рушди устувор ва «рушди сабз», Сардори шуъбаи Равзанаи ягона барои муосидат ба сармоягузорони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вобаста ба ахамияти тахия ва муаррифии Шарҳи ихтиёрии миллӣ дар арсаи ҷахонӣ барои ҷалби сармоя, сардори раёсати электроэнергетикаи Вазорати энергетика ва захирахои об - Мирҷонов Курбоналӣ ва сардори шуъбаи иттилооти ШСХК «Барки Точик» - Мирзоев Иброҳим оид ба ислоҳоти солҳои охир ҷиҳати таъмини дастраси ба нерӯи тоза ва арзон, муовини сардори раёсати омори саноат ва сохтмони Агентии омор - Мақсудова Мунира оид ба дастрасии маълумоти омории соҳавӣ, аз чумла дар бораи дастовардхои кишвар оид ба Ҳадафи рушди устувор, коршиноси соҳавӣ оид ба масъалахои рушди саноат - Махкамов Баҳодур оид ба дастовардҳои кишвар дар самти аҳамияти дастраси ба нерӯи арзон ва тоза барои рушди устувори кишвар ва дигарон фаъолона иштирок ва ибрози назар намуданд.

Дар охири мизи мудаввар ҳамоҳангсоз оид ба таҳияи Шарҳи ихтиёрии миллӣ ба аъзои гурӯҳи кори барои иштирок дар кори мизи мудаввар изҳори сипос гуфта, ба сафарбар намудани сайъу кушишҳои муштараки вазорату идораҳо, доираи коршиносони соҳавӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дастгирии шарикони рушд барои ҳамкори ҷиҳати таҳияи Шарҳи дуюми ихтиёрии миллии кишвар ва дар сатҳи баланди мазмунӣ ва фарогири ҷанбаҳои калидии рушди устувор ва сазовор муаррифӣ кардан дар арсаи байналмилалӣ даъват намуд.

**Дар анҷоми чорабини қарорҳои зерин қабул карда шуданд:**

1. Вазорату идораҳо ҷадвали маълумоти дархостшавандаро оид ба Ҳадафи рушди устувор бо маълумоти зарури пур карда, ҳар чи зудтар ба Вазорати рушди иктисод ва савдо пешниҳод намоянд.
2. Ҳисоботи таҳлилӣ, идоравӣ ва дигар маводҳои таҳлилие, ки дар вазорату идораҳои соҳави вобаста ба пешравӣ дар самти ноил гардидан ба Ҳадафи рушди устувор омода шудаанд, пешниҳод карда шаванд.
3. Котиботи Шурои милли дар ҳамкории зич бо Ассосиатсияи миллии сохибкории хурд ва миёна ҷиҳати омода ва баргузор намудани мизи мудаввар бо намояндагони бахши хусусӣ оид ба баррасии саҳми бахши хусусӣ дар татбиқи Ҳадафи рушди устувор ва рушди «сабз» корбарӣ намоянд.

Котиби ҷаласа Достиев Абдуқодир